Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №4 (2831) | ШАНБЕ, 7 ЯНВАРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## БАРҚИЯИ ШОДБОШИИ ХУ СЗИНТАО УНВОНИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Ху Сзинтао унвонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барқияи таҳният ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла чунин гуфта мешавад:**

«Ба муносибати 20 – солагии барқароршавии муносибатҳои дипломатии байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Ҳукумат ва халқи Ҷумҳурии Халқии Хитой, ҳамчунин шахсан аз номи худам ба Шумо, Ҷаноби Олӣ ва дар шахсияти Шумо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва халқи тоҷик, табрикоти самимона ва орзуҳои беҳтаринамро иброз медорам.

Хитой ва Тоҷикистон ҳамсояҳои дӯст буда, робитаи дӯстонаи байни халқҳои ҳар ду кишвар решаҳои амиқи таърихӣ доранд. Муносибатҳои дипломатии Хитой бо Тоҷикистон дар давоми 20 соли баъди барқароршавии муносиботи дипломатӣ таври солиму муназзам рушд ёфтанд. Ҷонибҳо равобити зичи мақомоти баландпоя доштанд, сатҳи ҳамбоварии сиёсиро мунтазам баланд мебардоштанд ва бо ҳамкории мутақобилан муфиди худ дар бахшҳои иқтисодиёт, тиҷорат, нақлиёт, коммуникатсия, сохтмони инфрасохтор ва ғайра ба натиҷаҳои хурсандибахш ноил мешуданд. Тарафҳо якдигарро аз рӯйи масъалаҳои муҳими дорои манофеи ҷонибайн устуворона дастгирӣ намуда, дар умури байналмилалию минтақавӣ зич ҳамкорӣ мекарданд, ба пойдории сулҳу суботи минтақа фаъолона саҳм мегузоштанд. Соли 2007 мову Шумо, Ҷаноби Олӣ, якҷоя Шартномаи ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкории байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро имзо намуда, бо ин васила таҳкурсии мустаҳками ҳуқуқиро ҷиҳати рушди дурнамои муносиботи байни ҳар ду кишвар гузоштем. Баъди тайи 20 соли охир рушд ёфтани муносибатҳои сиёсии миёни Хитой ба Тоҷикистон дӯстии байни халқҳои онҳо боз ҳам зичу мустаҳкам гардида, ҳамкории мутақобилан муфиди дуҷониба ба сатҳи мислаш диданашудаи баланд расид, ки он ба ҷонибҳо фоидаи воқеӣ бахшид. Мунтазам густариш бахшидани муносибатҳои ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкории Хитой бо Тоҷикистон сиёсати ногузири Ҳукумати Хитой аст, ки он ҷавобгӯйи манфиатҳои асосии ҳар ду ҷониб ва халқҳои онҳо мебошад. Хитой Тоҷикистонро ҷиҳати пеш рафтан бо роҳи рушди мутобиқ ба воқеияти миллии худ ва саъю кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва халқи онро, ки мақсад аз он ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, соҳибихтиёрӣ, амнияту субот, ҳамчунин мадад ба рушди иқтисоди миллӣ аст, минбаъд ҳам дастгирӣ менамояд. Ман омодаам, ки якҷоя бо Шумо, Ҷаноби Олӣ, дӯстии анъанавӣ ва ҳамкории мутақобилан муфиди Хитойро бо Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногун минбаъд ҳам таҳким бахшида, бо ин васила рушди босуръату муваффақонаи муносибатҳои байни ҳар ду кишварро роҳандозӣ намоям.

Таҳкиму рушди муттасили муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, дӯстӣ ва ҳамкории байни Хитойро бо Тоҷикистон таманно дорам.

Ба Шуму, Ҷаноби Олӣ, тансиҳатии бардавом ва дар фаъолиятатон комёбиҳо орзу мекунам».

***АМИТ «Ховар»***

## Барқияи шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ху Сзинтао

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Ху Сзинтао барқияи таҳният ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла чунин омадааст:**

**«Мӯҳтарам ҷаноби Раис!**

Имрӯз дар таърихи мову шумо рӯзи басо муҳим – бистумин солгарди барқароршавии муносибатҳои дипломатии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой аз ҷумлаи нахустинҳое буд, ки дар оғози барқароршавии Тоҷикистони навин соҳибихтиёрии давлати ҷавон, роҳи мустақилонаи рушди сиёсию иқтисодии кишвари моро эътироф намуд. Аз он вақт аллакай 20 сол аст, ки мо чун ҳамсояҳои неку шарикони боэътимоди Созмони Ҳамкории Шанхай дӯстию ҳамфикриро таҳким бахшида, дар муборизаи зидди хавфу таҳдидҳои нав зич ҳамкорӣ менамоем, дар бунёди ояндаи бехатару суботи минтақа ва ҷаҳон фаъолона ширкат меварзем.

Солҳои гузашта солҳои дорои воқеаҳои басо муҳим буданд. Тайи ин солҳо заминаи мустаҳками шартномавию ҳуқуқии ҳамкории бисёрҷонибаи тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ гузошта шуд. Шартномаи ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкорӣ, ки соли 2007 дар Пекин имзо шуда буд, бо назардошти хоҳишу маром ва орзую умеди халқҳои тоҷику Хитой таҳкурсии дарозмуддати равобит, мушорикати васеъ ва ҳамкории ду кишвару халқҳоро гузошт.

Муносиботи имрӯзаи байни кишварҳоямон ибрати шоистаи амалу ҳамкории муваффақонаи давлати бузург бо ҳамсояҳояш мебошад. Ба ин муносибатҳо сатҳи баланди боварӣ ба якдигар, як будани муносиботи консептуалӣ ба доираи васеи проблемаҳои байналмилалӣ, эҳтироми гуногунии фарҳангҳо ва саъю кӯшиш баҳри рушди мутақобила хосанд. Бо дастгирии Ҷумҳурии Халқии Хитой дар Тоҷикистон лоиҳаҳои ҳаҷман калони инфрасохторӣ дар амал татбиқ мешаванд, ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ босуръат рушд мекунад, робитаҳои байни ходимони илму фарҳанг густариш меёбанд. Бо камоли қаноатмандӣ метавон гуфт, ки муносибатҳои Тоҷикистону Хитой дар сатҳи баланди рушду густариш қарор доранд.

Ҳамсояю дӯстони накӯ ва ҳамкорони боэътимод будан – ин на фақат зуҳуроти майлу хоҳиши неки ҳар ду халқ аст. Тоҷикистону Хитойро аз қадимулайём кӯҳҳои осмонбӯсу дарёҳои шӯх ба ҳам пайвастаанд. Таъриху фарҳанги халқҳои тоҷику хитойӣ ҷозибаи бузурги фарҳангию маънавии ду тамаддунро дорост. Бист соли охир ба таври боварибахш нишон дод, ки мушорикати таърихии мо, ки ба дастгирии васеи аҳли ҷамъияти ҳар ду мамлакат истинод мекунад, ояндаи бузург дорад.

Мо аз дастоварди бузурги сиёсию маънавиямон, ки тайи ин солҳо якҷоя ба он ноил гаштаем, метавонем ифтихор намоем ва бояд ифтихор кунем. Муҳим аст, ки онро ҳифз намуда ва дастраси наслҳои минбаъда гардонем, то онҳо, тавре дар ҳикмати бостонии мардуми Хитой омадааст, аз зиндагии хеш зери сояи васеи дарахти дӯстие лаззат баранд, ки мо онро 20 сол муқаддам шинонида будем. Аминам, ки кишварҳои мо фақат дар сурати мустаҳкам намудани ҳамсоягии неку дӯстӣ, рушду густариш бахшидани мушорикату ҳамкории стратегӣ қодиранд, ки вазифаҳои муштаракро ҳал намуда ва бо назардошти майлу хоҳиши мустақилонаи халқҳои тоҷику Хитой бо роҳи рушди дуҷониба пеш раванд.

Шуморо бо санаи муҳими таърихи муосири муносибатҳои дуҷониба – бистумин солгарди барқароршавии муносибатҳои дипломатии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой гарму ҷӯшон ва аз самими қалб муборакбод намуда, изҳори боварӣ мекунам, ки мо бо такя ба дастовардҳоямон метавонем бо саъю кӯшишҳои якҷоя дар амри таҳким бахшидани пояҳои дӯстии вайроннашавандаи халқҳои тоҷику хитойӣ ба қуллаҳои нав расем.

Эҳтиромоти бепоёну самимонаи ба Шумо, Аълоҳазрат, доштаамро қабул фармоед».

***АМИТ «Ховар»***

## Табрикоти солинавӣ

Ба муносибати фарорасии Соли нави мелодӣ ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ РАҲМОН аз номи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои ҷаҳон, инчунин роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла аз номи Президенти Федератсияи Россия - Дмитрий Медведев, Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой - Ху Сзинтао, Президенти Ҷумҳурии Федеративии Германия - Кристиан Вулф, Шоҳи Норвегия - Ҳаролд, Президенти Украина – Виктор Янукович, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон – Нурсултон Назарбоев, Президенти Ҷумҳурии Беларус – Александр Лукашенко, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон – Алмазбек Атамбаев, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон – Илҳом Алиев, Президенти Туркманистон – Гурбангули Бердимуҳаммедов, Президенти Ҷумҳурии Корея – Ли Мён Бак, Президенти Ҷумҳурии Венгрия – Пал Шмидт, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон – Маҳмуди Аҳмадинажод, Раисҷумҳури Ҷумҳурии Исломии Афғонистон – Ҳомид Карзай, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон – Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурии Арманистон – Серж Саргсян, Президенти Ҷумҳурии Лубнон – Мишел Сулеймон, Президенти Ҷумҳурии Мали – Амаду Тумани Туре, Иҷрокунандаи вазифаи Президенти Молдова – Марианн Лупу, Раиси Маҷлиси Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Мисри Араб -фелдмаршал Муҳаммад Ҳусейн Тантави, Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия - Владимир Путин, Канслери Ҷумҳурии Федеративии Германия -Ангела Меркел, Сарвазири Япония -Ёшико Нода, Генерал-губернатори Канада -Дэвид Ллойд Ҷонсон, Котиби генералии Созмони Ҳамкории Шанхай - Муратбек Иманалиев, Котиби генералии Иттиҳоди иқтисодии АврОсиё Тайир Мансуров, Раиси Кумитаи Иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил - Сергей Лебедев, Котиби Генералии Шӯрои Ассамблеяи Байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил -Михаил Кротов номаҳои табрикӣ расиданд.

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси шаҳри Чкалови вилояти Суғд озод намудани Бобоев Ш.Б.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Бобоев Шавкат Бобораҷабович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи раиси шаҳри Чкалови вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 4 январи соли 2012 №1180**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Ашти вилояти Суғд озод намудани Сатторов А.Х.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сатторов Абдуҷамил Халилович аз вазифаи раиси ноҳияи Ашти вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 4 январи соли 2012 №1181**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи раиси ноҳияи Спитамени вилояти Суғд таъин намудани Маҷитов М.Х.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Маҷитов Мӯҳтади Хайруллоевич раиси ноҳияи Спитамени вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 4 январи соли 2012 №1182**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Исфараи вилояти Суғд таъин намудани Амиров Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Амиров Раҳмоналӣ иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Исфараи вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 4 январи соли 2012 №1183**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Чкалови вилояти Суғд таъин намудани Каримхӯҷаева Р.Д.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Каримхӯҷаева Рухсора Давлатбековна иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Чкалови вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 4 январи соли 2012 №1184**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ашти вилояти Суғд таъин намудани Азизов А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Азизов Азимбой иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ашти вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 4 январи соли 2012 №1185**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Давлатов М.С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Давлатов Матлубхон Султонович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 5 январи соли 2012 №1197**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Давлатов М.С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Давлатов Матлубхон Султонович муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 5 январи соли 2012 №1198**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Худоёров Б.Т.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Худоёров Бахтиёр Таварович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 5 январи соли 2012 №1200**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Худоёров Б.Т.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Худоёров Бахтиёр Таварович Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 5 январи соли 2012 №1199**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Қаҳоров А.А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Қаҳоров Абдураҳим Абдулаҳадович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 5 январи соли 2012 №1186**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Қаҳоров А.А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Қаҳоров Абдураҳим Абдулаҳадович котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 4 январи соли 2012 №1187**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Раҳимов Р.Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Раҳимов Рамазон Ҳамроевич Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 5 январи соли 2012 №1188**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Менглиев Р.Ш.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Менглиев Рустам Шомуродович Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 5 январи соли 2012 №1201**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Спитамени вилояти Суғд озод намудани Узоқова З.А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Узоқова Зулфия Анваровна бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи раиси ноҳияи Спитамени вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 4 январи соли 2012 №1178**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси шаҳри Исфараи вилояти Суғд озод намудани Ашӯров С.Б.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ашӯров Субҳонидин Бурҳонович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи раиси шаҳри Исфараи вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 4 январи соли 2012 №1179**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Қумсангири вилояти Хатлон озод намудани Наҷмудинов С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**
Наҷмудинов Сироҷидин бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи раиси ноҳияи Қумсангири вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 5 январи соли 2012 №1189**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Қумсангири вилояти Хатлон таъин намудани Раҳмонов Х.З.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**
Раҳмонов Холмурод Зардович иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Қумсангири вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 5 январи соли 2012 №1190**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Мӯъминободи вилояти Хатлон озод намудани Зокиров С.О.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**
Зокиров Сафаралӣ Одинаевич бо сабаби ба нафақа баромаданаш аз вазифаи раиси ноҳияи Мӯъминободи вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 5 январи соли 2012 №1191**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Мӯъминободи вилояти Хатлон таъин намудани Зарипов П.Х.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**
Зарипов Пирмадхон Худоиевич иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Мӯъминободи вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 5 январи соли 2012 №1192**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон озод намудани Абдуллоев Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**
Абдуллоев Ҳамид бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи раиси шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 5 январи соли 2012 №1193**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон таъин намудани Раҳмонов А.А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**
Раҳмонов Абдулғафор Азизович иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 5 январи соли 2012 №1194**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси шаҳри Нораки вилояти Хатлон озод намудани Сафаров Х.А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**
Сафаров Хайрулло Амиралиевич бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи раиси шаҳри Нораки вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 5 январи соли 2012 №1195**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Нораки вилояти Хатлон таъин намудани Абдуллоев Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**
Абдуллоев Ҳамид иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Нораки вилояти Хатлон таъин карда шавад.

**Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 5 январи соли 2012 №1196**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 4 январи соли 2012 № 1, ш.Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини аввали Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Амиров Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Амиров Раҳмоналӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи муовини аввали Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 4 январи соли 2012 № 2, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини аввали раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Эшонқулов А.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Эшонқулов Амонҷон Саидқулович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи муовини аввали раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 4 январи соли 2012 №3, ш.Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Латипов Х.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Латипов Хайбулло Абдуллоевич бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 4 январи соли 2012 № 4, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори генералии Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи «Химзавод» озод намудани Гулов М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Гулов Маҳмадалӣ бо сабаби ба нафақа баромаданаш аз вазифаи директори генералии Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи «Химзавод» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 4 январи соли 2012 №5, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори генералии Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи «Химзавод» таъин намудани Расулов Д.Ҷ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Расулов Дилшод Ҷабборович директори генералии Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи «Химзавод» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 5 январи соли 2012 № 8, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини аввали Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҳимов Р.Ҳ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Раҳимов Рамазон Ҳамроевич бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи муовини аввали Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 5 январи соли 2012 № 6, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи Директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқии обии «Роғун» озод намудани Шулашов Н.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Шулашов Нурило бо сабаби ба нафақа баромаданаш аз вазифаи Директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқии обии «Роғун» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 5 январи соли 2012 № 7, ш. Душанбе**

**Дар бораи Директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқии обии «Роғун» таъин намудани Сафаров Х.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Сафаров Хайрулло Амиралиевич Директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқии обии «Роғун» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бобоев Шавкат Бобораҷабович мудири Шӯъбаи саноат ва энергетикаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**4 январи соли 2012 №АП-1824, ш. Душанбе**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Менглиев Рустам Шомуродович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи муовини аввали Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**5 январи соли 2012 №АП-1825, ш. Душанбе**

# ФАРМОИШИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 4 январи соли 2012 № 2-ф, ш. Душанбе**

Эшонкулов Амонҷон Саидкулович ба вазифаи муовини директори Департаменти ҳамкориҳои гуманитарӣ, масъалаҳои умумисиёсӣ ва иҷтимоӣ - сардори шӯъбаи ҳамкориҳои гуманитарӣ, маориф ва илми Кумитаи Иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фиристонида шавад.

**Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ФАРМОИШИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 4 январи соли 2012 № 3-ф, ш. Душанбе**

Латипов Хайбулло Абдуллоевич ба вазифаи муовини котиби генералии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ба кор фиристонида шавад.

**Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ФАРМОИШИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 4 январи соли 2012 №1-ф, ш. Душанбе**

Ғуломов Сафаралӣ бо сабаби ба нафақа баромаданаш аз вазифаи муовини директори Департаменти ҳамкориҳои гуманитарӣ, масъалаҳои умумисиёсӣ ва иҷтимоӣ - сардори шӯъбаи Кумитаи Иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бозхонд карда шавад.

**Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ШАРҲИ ХАДАМОТИ МАТБУОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо Муовини якуми Сарвазири кишвар таъин шудани Матлубхон Давлатов дар тақсими вазифаю салоҳиятҳои Сарвазир ва Муовини якуми ӯ баъзе тағйирот ворид мегардад.

Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарии умумии фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатиро дар амалӣ намудани фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ гузошта, масъалаҳои саноат, комплекси сӯзишворию энергетикӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, нақлиёту коммуникатсия, геология, нафту газ ва истифодаи канданиҳои фоиданок, масъалаҳои меъморӣ ва сохтмони асосӣ, аз ҷумла сохтмони роҳҳои мошингард ва иншооти гидроэнергетикӣ, корҳои мелиоративӣ, назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкориро ҳамоҳанг месозад ва назорат мекунад, ба Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия роҳбарӣ мекунад.

Сарвазири кишвар ҳамчунин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ карда, ба шартномаю созишномаҳои байниҳукуматӣ имзо мегузорад.

Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарии соҳаи иқтисодиётро ба роҳ монда, ҳамоҳангсозии фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатии кишварро дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла сиёсати буҷету андоз, ҷалби сармоягузорӣ, фаъолияти мақомоти андоз ва гумрук, идораи моликияти давлатӣ ва ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ амалӣ ва назорат менамояд.

Муовини якум ҳангоми набудани Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои ӯро иҷро менамояд.

# АЗ НОРАСОИИ НАҚЛИЁТИ МУСОФИРКАШ НОРОҲАТ НАШАВЕД

Муассисаи давлатии коммуналии «Душанбенақлиётхадамотрасон»-и шаҳри Душанбе ба иттилои мусофирон мерасонад, ки ҳамарӯза дар хатҳои сайри корхонаҳои коммуналии воҳиди давлатӣ ва ҷамъиятҳои хусусии ба мусофиркашонӣ машғулбудаи шаҳр зиёда аз 100 адад воситаҳои нақлиёти тамғаҳои автобус ва микроавтобус, ки бо гази табиӣ фаъолият менамоянд, ба мусофиркашонӣ машғуланд.

Бинобар сабаби феълан аз ҷониби Ҷумҳурии Ӯзбекистон қатъ гардидани интиқоли гази табиӣ ба ҷануби Тоҷикистон ва муваққатан аз фаъолият мондани нуқтаҳои пуркунии гази табиӣ, эҳтимолияти норасоии воситаҳои нақлиёти мусофиркаш дар хатсайрҳои микроавтобуси №22, автобусҳои №1, №2, №12 ва №37 мавҷуд аст.

Бо назардошти ҳолати ҷойдошта Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва сохторҳои марбутаи он кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки аз ҳисоби воситаҳои нақлиёти бо дигар намуди сӯзишворӣ фаъолияткунанда норасоии ба амал меомадаро бартараф созанд.

Аз сокинон ва меҳмонони пойтахт хоҳиш карда мешавад, ки аз ин мушкилоти муваққатӣ нороҳат нашаванд.

***Шавкат САИДОВ,***
***котиби матбуотии Раиси шаҳри Душанбе***

# ТАШАББУСИ НАҶИБ

Яке аз мушкилоте, ки муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар ба он дучор мегарданд, надоштани ихтисосҳои касбии сохтмонӣ мебошад.

Ба хотири то андозае ҳал намудани ин масъала аз тарафи Кумитаи марказии иттифоқи касабаи кормандони соҳаи сохтмон ва саноату масолеҳи бинокории ҷумҳурӣ дар назди Омӯзишгоҳи касбҳои техникии 61-и ноҳияи Рашт курси семоҳаи омӯзишӣ аз рӯйи ихтисосҳои кафшергар ва хиштчин таъсис шуд.

Айни ҳол 50 нафар хоҳишмандон ба таҳсил фаро гирифта, барои онҳо шароити машғулият муҳайё шудааст. Устоҳои таълими истеҳсолӣ М. Мӯсоев ва М. Додов кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки мутахассисони соҳибкасби соҳаи сохтмониро тайёр намоянд.

Ба хатмкунандагон сертификати намунаи муқарраргардида, ки дар ҳудуди Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон эътироф мешаванд, дода мешавад.

***М. РИЗВОНОВ***

## Вакилони халқ 1938-2010



# ДАЪВАТИ ПАНҶУМ 1959 - 1963

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

### ҶУМЪАЕВ Тоҷӣ

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии М.Горкий №202, шаҳри Ӯротеппа***



Соли 1917 дар деҳаи Лакаши ноҳияи Ӯротеппа таваллуд шудааст. Миллаташ ӯзбек.

Дар вазифаҳои котиби ташкилоти комсомолии Омӯзишгоҳи педагогии Ӯротеппа, муаллими Омӯзишгоҳи педагогӣ, директори мактаби миёна, ҷонишин, мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ӯротеппа, котиби дуюм ва котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ӯротеппа, раиси колхози «Коммунизм»-и ноҳияи Ӯротеппа кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва бо медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

### БАРОТБЕКОВ Йӯлдошбек

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Сталин №203, шаҳри Ӯротеппа***



Соли 1890 дар шаҳри Ӯротеппа таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Нафақагири шахсӣ, наққош-кандакор буд.

Бо орденҳои Ленин, «Нишони Фахрӣ», медалҳои «Барои меҳнати шоён», «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

### ҲОҶИБОЕВ Аминҷон

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ӯротеппа №204, шаҳри Ӯротеппа***



Соли 1923 дар деҳаи Румони ноҳияи Хуҷанд таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои мақомоти Вазорати корҳои дохилии ҶШС Тоҷикистон, ҷонишини муҳаррири рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Ленинобод», муҳаррири рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» кор кардааст.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, медалҳои «Барои меҳнати диловарона» ва «Барои меҳнати шоён» мукофотонида шудааст.

### ҒУЛОМОВ Солеҳ Ғуломович

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Урметан №205, ноҳияи Айнӣ***



Соли 1913 дар шаҳри Бухорои ҶШС Ӯзбекистон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои муаллими мактаби миёна ва Техникуми педагогӣ, ходими илмии Институти илмӣ, муҳаррири рӯзномаи ҷумҳуриявии «Тоҷикистони Советӣ» ва муҳаррири маҷаллаи «Коммунисти Тоҷикистон» кор кардааст.

Бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва медалҳои «Барои шуҷоат», «Барои ишғол намудани Берлин», «Барои меҳнати шуҷоатнок» «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

### КАРИМОВ Раҳим

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Айнӣ №206, ноҳияи Айнӣ***



Соли 1920 дар деҳаи Сори ноҳияи Хуҷанд таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои мудири шӯъба, котиби Комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткаши ноҳияи Колхозчиён, котиби дуюм, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияҳои Колхозчиён ва Айнӣ кор кардааст.

Бо медалҳои «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

### ҶУМЪАЕВ Йӯлдош

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шербаков №207, ноҳияи Айнӣ***



Соли 1907 дар ноҳияи Заҳматобод таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои директори мактаби ҳизбии ноҳияи Ӯротеппа, раиси Кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткаши ноҳияи Айнӣ кор кардааст.

Бо орденҳои Ҷанги Ватании дараҷаи I ва II, «Нишони Фахрӣ», медалҳои «Барои шуҷоат», «Барои ишғоли Вена», «Барои ишғоли Будапешт» ва «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



### АМОНОВ Ҷумъа

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Зарафшон №208, ноҳияи Айнӣ***

Соли 1928 дар деҳаи Дар-дари ноҳияи Айнӣ таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1944 оғоз намуда, ҳамчун узви колхоз ва баъдан коргари комбинати Ҷиҷикруди ноҳияи Айнӣ кор кардааст.

### ҶАРҚИНЗОДА Ҳасан

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Улянов №209, ноҳияи Ашт***



Соли 1912 дар ноҳияи Хуҷанд таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои муаллим, директори мактаб, котиби сеюм ва якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияҳои Ленинобод, директори заводи пахтатозакунии Конибодом, Ашт, раиси комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони ноҳияи Куйбишев, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияҳои Фархор ва Ашт кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

(Давомаш дар шумораҳои оянда)

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**
**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

# ҚАРОРИ

## ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи тасдиқи Низомномаи озмун оид ба мақолаи беҳтарин дар мавзӯи экология ва ҳайати комиссияи озмун**

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Низомномаи озмуни мақолаи беҳтарин дар мавзӯи экология ва ҳайати комиссияи озмун тасдиқ карда шаванд. (Замима мегарданд).

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш. ЗУҲУРОВ**

**ш.Душанбе, 26 декабри соли 2011 №985**

# НИЗОМНОМА

## ДАР БОРАИ ОЗМУНИ МАҚОЛАИ БЕҲТАРИН ДАР МАВЗӮИ ЭКОЛОГИЯ

**1.Муқаррароти умумӣ**

1.1.Низомномаи мазкур (минбаъд- Низомнома) тартиб ва қоидаҳои ташкил ва гузаронидани озмуни мақолаи беҳтарин дар мавзӯи экологияро (минбаъд –озмун) танзим менамояд.

1.2.Ташкилкунандаи озмун Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- Комиссияи экологӣ) мебошад.

1.3.Дар озмун шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ё гурӯҳҳои ташаббускор, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ ва фаъолият мекунанд (минбаъд- иштирокчиён), иштирок карда метавонанд.

1.4.Дар доираи озмун иштироккунандагон оид ба паҳлуҳои гуногуни ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои об, замин, олами набототу ҳайвонот ва дигар масъалаҳои экологӣ аз мавқеи ҳифзи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини амнияти экологии мамлакат мақолаҳо омода намуда, дар воситаҳои ахбори омма ҷой медиҳанд.

1.5.Пешниҳоди ариза аз тарафи иштироккунанда гувоҳи розӣ будани ӯ бо муқаррароти Низомномаи мазкур ва шартҳои озмун мебошад.

1.6.Маълумот дар бораи озмун, аз ҷумла Низомномаи мазкур ва шакли ариза, ба воситаи сомонаи интернетии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон www. parlament. tj, рӯзномаи «Садои мардум» ва дигар воситаҳои ахбори омма паҳн карда мешавад.

**2.Мақсад ва вазифаҳои озмун**

2.1.Мақсади озмун ҷалб намудани ҷомеаи васеи шаҳрвандӣ, олимону мутахассисон ва коршиносон ба ҳалли масъалаҳои экологӣ, тарғиби ҳифзи муҳити зист, ташаккули ақидаи мусбӣ нисбат ба мавқеъ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ мебошад.

2.2.Вазифаҳои озмун аз инҳо иборат мебошанд:

-интихоб ва тарғиби мақолаҳои беҳтарин дар мавзӯи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ;

-ба таври оммавӣ ба иштироккунандагон ва ғолибони озмун изҳор намудани миннатдорӣ ва қадр кардани муаллифони мақолаҳои беҳтарин дар мавзӯи экология.

**3.Мавзӯи мақолаҳо**

3.1.Мақолаҳо бояд паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиат, аз ҷумла захираҳои обию энергетикиро, инъикос намоянд.

3.2.Намунаи мавзӯъҳои дар мақолаҳо инъикосшаванда:

-тағйирёбии иқлим, чораҳои пешгирикунанда ва мутобиқсозии иқтисодиёти кишвар ва оқибатҳои ногувори он;

-истифодаи захираҳои обию энергетикӣ;

-масъалаҳои экологии байнисарҳадӣ;

-инъкиоси мавқеъ ва сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла истифодаи захираҳои обию энергетикӣ;

-энергетика ва камбизоатӣ;

-тарбия ва маърифати экологии аҳолӣ;

-ҳифзи гуногунии биологӣ;

-идоракунии партовҳо ва ғайра.

**4.Шартҳои иштирок дар озмун**

4.1.Ба озмун мақолаҳо ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ пешниҳод карда мешаванд. Шумораи мақолаҳои ба озмун пешниҳодшаванда маҳдуд карда намешавад.

4.2.Иштироккунанда ба комиссияи озмун ариза, ки дар он ному насаб, суроға, рақами телефон ва маълумот дар бораи дар кадом воситаи ахбори омма чоп гаштани мақола нишон дода шудааст, пешниҳод менамояд. Ба ариза нусхаи мақола дар формати A4, шрифти Times New Roman Tj 14 замима карда мешавад. Нусхаи электронии мақола ба суроғаи почтаи электронии ecocomission @ yandex.ru ирсол карда мешавад. Нишон додани унвон, ҷойи кор ва дигар маълумоти иловагӣ дар ариза ихтиёрӣ мебошад.

4.3. Ҳаҷми мақола маҳдуд намешавад, вале он набояд аз ду саҳифа кам бошад.

4.4. Барои ҳар як мақолаи ба озмун пешниҳодшаванда аризаи алоҳида навишта мешавад. Аризаҳо барои иштирок дар озмун танҳо дар сурати иҷрои шартҳои банди 4.2 Низомномаи мазкур қабул карда мешаванд.

4.5. Аризаи иштироккунандаи озмун кафолати муаллифи мақола будани ӯ ва халалдор насохтани ҳуқуқи муаллифони дигар ҳисобида мешавад.

4.6. Иштироккунанда ӯҳдадор аст дар сурати аз тарафи шахси сеюм пешниҳод гаштани даъво оид ба вайрон кардани ҳуқуқи муаллифӣ, онро бо қувваи худ ва аз ҳисоби худ ҳал намояд.

4.7. Пешниҳоди мақола ба озмун тасдиқи розигии иштироккунанда дар хусуси истифодаи мақолаи ӯ бо мақсадҳои иттилоотии Комиссияи экологӣ бе ягон розигии иловагӣ ва пардохтҳо ҳисобида мешавад. Аз ҷумла мақолаҳо метавонанд аз тарафи Комиссияи экологӣ дар сомонаҳои интернетӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма ҷой дода шаванд.

**5. Меъёри арзёбии мақолаҳо**

5.1. Барои ташкил ва гузаронидани озмун комиссия (комиссияи озмун) ташкил карда мешавад.

5.2. Ғолибони озмун ва ҷойҳои ишғолкардаи онҳо бо овоздиҳии аз нисф зиёди аъзои комиссияи озмун ба тарафдории номзадҳо муайян карда мешаванд.

5.3. Дар сурати баробар будани овозҳо қарори ҳалкунанда аз тарафи раиси комиссияи озмун қабул карда мешавад.

5.4. Ҳангоми баррасии мақолаҳо рӯзмарра будани масъалаи дар он дарҷгардида, дар воситаҳои ахбори оммаи кадом сатҳ чоп шудан (маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ, берун аз он) ва вокуниши хонандагон ба он ба инобат гирифта мешавад.

**6. Мӯҳлати гузаронидани озмун**

6.1. Озмун аз 1 январ то 25 декабри соли 2012 гузаронида шуда, аризаҳои иштироккунандагон дар давоми сол қабул карда мешаванд.

6.2. Озмун ду маротиба дар давоми сол – аз 20 то 25 июн ва аз 20 то 25 декабр ҷамъбаст, ғолибон муайян ва мукофотонида мешаванд.

6.3. Эълон дар хусуси озмун ва натиҷаҳои он дар сомонаи интернетии www.parlament.tj , рӯзномаи «Садои мардум» ва дигар воситаҳои ахбори омма ҷой дода мешавад.

6.4. Мукофотҳо бо ғолибон дар ҷаласаи Комиссияи экологӣ аз тарафи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 10 рӯз баъд аз эълони натиҷаҳои озмун супорида мешаванд.

**7. Мукофотонидани ғолибони озмун**

7.1. Ғолибони озмун аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофотҳои пулӣ қадрдонӣ карда мешаванд.

7.2. Барои ғолибон чунин мукофотҳо пешбинӣ карда мешаванд:

- ҷойи аввал - 800 сомонӣ;
- ҷойи дуюм - 600 сомонӣ;
- ҷойи сеюм - 400 сомонӣ.

● Мусоҳибаи мо

# ФАРХОР ТАЪРИХИ БОЙ ВА РАНГИН ДОРАД,

## -изҳор намуд зимни сӯҳбати ихтисосӣ раиси ноҳияи Фархор Қурбонбой Каримов ба хабарнигори минтақавии рӯзнома

**- Мӯҳтарам раис, дар ибтидои сӯҳбат мехостам аз мӯҳтавои воҳӯрии як сол муқаддам дар яке аз рӯзҳои истироҳат вобаста ба як маводи банашррасидаи рӯзнома, ки бо шумо баргузор намуда будем, андаке ёдовар шавам. Он вақт ғарами китобҳои ҳархелаи рӯи мизи кории шуморо дида, аз рӯи ихлосу таваҷҷуҳ пурсони ҳол шуда будам. Дар посух арз намуда будед, ки муаллифони ҳамаи ин китобҳо қаламкашони Фархоранду шумо онҳоро бо мақсади ошноӣ ба таърихи дуру наздики ин ноҳияи бостонӣ, рӯйи мизи корӣ ҷамъ овардаед. Акнун, ба гузашти беш аз як сол, пурсиданиам, ки тавассути он ғарами китобҳо ба гузаштаву имрӯзаи Фархори кӯҳанбунёд то чӣ андоза ошноӣ пайдо намудед?**

- Аксари китобҳои рӯи миз мушоҳидакардаатонро хеле бодиққат хонда баромадам, вале маънию мазмунашон чандон бархӯрди мақсади банда нашуданд, зеро ҳамаашон дорои характери адабию бадеӣ буданд. Дар ниҳоят огаҳам намуданд, ки омӯзгори мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 6-и ноҳия Бурҳониддини Усмон бо номи «Фархориён» оиди ин мулки 3700 -сола китобе таълиф намудаасту аммо имкони рӯи чоп овардани онро надоранд. Филҳол ба дастнависҳои муаллим ошно гардидам. Мӯҳтавои китоб писандам афтод. Дарҳол онро бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фархор рӯйи чоп овардем. Китоби мазкур, сарфи назар бо каму костиҳояш, метавон гуфт, ки то андозае имкони ба дигарон муаррифӣ намудани фархориёнро дорад. Пас аз чопи китоби «Фархориён» мо аз пайи таълифи китоби мукаммале бо номи «Қомуси Фархор» гардидем. Барои таълифи он беҳтарин донандагону қаламкашони фархориро гирди ҳам овардем. «Қомуси Фархор» аз нигоҳи шаклу сифат ва технологияи чопӣ дар сатҳи олӣ ва замонавӣ нашр гардид. Хушбахтона, боз дар ин миён бо қалами зодагони ноҳия - Гулчеҳра Муҳаммадиева китоби «Бонувони Фархор» ва бо қалами чекисти собиқадору рӯзноманигори шинохта Давлатхӯҷа Назиров китоби «Фархор- твои люди» рӯи чоп омаданд, ки ба бонувон ва сокинони меҳнатқарини 80 соли охири ноҳия бахшида шудаанд. Акнун бо дили саршор аз меҳру сафо метавон арз намуд, ки имкони дастрасӣ ба таърихи гузашта ва имрӯзаи сокинони ин гӯшаи файзбахши Тоҷикистони азиз, хеле осон ва қулай гардид. Ҳамин тавр, бо ифтихору шукргузорӣ метавон гуфт, ки ман Фархорро чун як ноҳияи дорои таърихи басо бою рангин, соҳиби обу хоки фаровони барои зиндагӣ бобу мувофиқ ва аз ҳама асосиаш макони одамони меҳнатдӯсту сарбаланд ва бисёр фарҳангӣ дарёфтам.

**- Бидуни баҳс бо ин хулосаи шумо пурра ҳамфикр ҳастам, хусусан ба тавсифи охиратон, яъне оиди фарҳангӣ будани фархориён. Гумон мекунам, маҳз ҳамин сифатҳои накӯ аст, ки дар маъракаи обунашавӣ ба рӯзномаву маҷаллаҳо барои соли 2012 сокинони Фархор дар миёни 25 шаҳру навоҳии вилоят пешдастанд. Мехостам, каме сари ин масъала равшанӣ андозед.**

- Гумон мекунам, нест дар олам одами солиме, ки дар андешаи худ орзую ҳаваси ҳамқадами замон буданро надошта бошад. Ҳамқадами замон будан, маънои зиндагии хушу гуворо ва пешрафтаро дорад. Имрӯз мову шумо фарзандони замони нав, яъне асри иттилоот ҳастем. Замоне фаро расидааст, ки иттилоот иқтисодиётро идора кардаву ба он рушду нумӯи тоза мебахшад.Ба ин хотир канор ҷустан аз ин маъракаи муҳим, ин қабл аз ҳама маънои фарсаххо дур мондан аз замону таҳаввулоти он аст.



Барои мардумро ба ин маърака ҷалб намудан, сараввал мо, роҳбаронро, лозим аст, ки чун замони Шӯравӣ ба обуначиён, аз ҳама пеш имкони сари вақт дастрас намудани рӯзномаву маҷаллаҳои обунашудаашонро муҳайё намоем. Мо ин тадбирро вобаста ба он имконоту шароити дар ихтиёр доштаамон, то андозае роҳандозӣ намудем. Дар деҳот фаъолияти бонизоми хаткашонҳоро ба роҳ монда, шумораи онҳоро ба 10 нафар расонидем. Оиди баланд бардоштани музди меҳнати онҳо бошад, пайваста тадбирҳо андешида мешаванд.

**- Вазъи иқтисодиёт дар ноҳия чӣ гуна аст? Тавре аён аст, ҳоло ҳам асоси иқтисодиёти ноҳияро соҳаи пахтакорӣ ташкил мекунад. Ноҳияи Фархор дар миёни навоҳии пахтакори минтақа, аз ҳама беш, ҳосил ҷамъоварӣ намудааст...**

-Айни ҳол дар ихтиёри кишоварзони мо 26690 гектар замини корам мавҷуд аст, ки аз ин ҳисоб дар майдони 10510 гектар пахта, 13383 гектар ғалладонагиҳо, 900 гектар сабзавот, 448 гектар полезиҳо, 558 гектар картошка ва боз ба ҳамин монанд дигар намуди зироатҳо кишт намуда, ҳосили фаровону дилхоҳ ба даст оварданд. Боиси ёдоварист, ки имсол деҳқонони мо, аз ибтидои мавсим, кулли сокинони минтақаи Кӯлобро бо сабзавоту маҳсулоти полезӣ таъмин намуданд.

Мо имсол ба ҷойи 250 гектар дар 286 гектар боғ бунёд намудем, ки аз нақша 36 гектар зиёд мебошад. Ҷангалпарваронамон дар майдони 67 гектар писта, 25 гектар бодоми талхак шинонида, дар масоҳати 150 гектар кишти камол гузарониданд, ки тавассути ба роҳ мондани корҳои хуби агротехникӣ, нашъунамои хуби онҳо таъмин шуд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки имсол кишоварзони мо ба кишти такрорӣ диққати махсус дода, маҳсулоти зиёди полезию шолӣ ба даст оварданд. Алҳол миқдори ҳосили рӯёнидаи шоликорон беш аз 5 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад, ки ин нишондод дар тӯли солҳои охир нишондиҳандаи беҳтарин маҳсуб меёбад.

Тавре ишора кардед, воқеан ҳам заҳмати имсолаи пахтакорон пурсамар буд. Қобили зикр аст, ки асоси комёбиҳои пахтакорони моро пеш аз ҳама ташкили хуби кор ва амалӣ намудани як қатор тадбиру чораҳо боис гардид.

**- Кадом тадбирҳоро дар назар доред?**

- Шумо иқлими Фархорро хуб медонед. Қисмати зиёди заминҳои ноҳия, дар нисбати дигар навоҳии минтақаву вилоят, хеле сероб аст.

Аз заҳбуру ҷӯйборҳои солҳо тозанашуда заминҳо шӯршуда, заҳрзада буданд. Ин имконияти ҳосилнокии онҳоро ниҳоят паст намуда буд.Мо барои ислоҳи вазъи мавҷуда якчанд лоиҳаи сармоягузориро, аз қабили «Лоиҳаи барқарорсозии системаи ирригатсионӣ», «Лоиҳа оид ба тандурустии ҷамоавӣ ва заминавӣ», «Лоиҳаи бақайдгирӣ ва системаи кадастри замин баҳри тараққиёти устувори соҳаи кишоварзӣ», «Лоиҳаи шуғли аҳолӣ оид ба устувории хоҷагии қишлоқ» ва боз ба ҳамин монанд дигар лоиҳаҳоро мавриди амал қарор додем. Бахусус тавассути лоиҳаи охирин барои тоза кардани ҷӯю заҳкашҳо ба маблағи 4,5 миллион сомонӣ корҳо оғоз гардида, нововбаста ба вақту мавсим, беш аз 230 ҳазор метри мукааб заҳбуру заҳкашҳо ва 200 ҳазор метри мукааб ҷӯйборҳои дохили хоҷагиҳо аз тарафи аҳолӣ тоза карда шуданд.

**-Вазъи соҳаи маориф дар кадом ҳол қарор дорад?**

- Алҳол барои рушди ин соҳа мо аз «Лоиҳаи таҷдиди маориф», «Лоиҳаи гранти католикӣ-таҳсилот барои ҳама ва ташаббуси рушди босуръат», «Фондҳои ҷамоавӣ барои мусоидати рушди маълумоти асосӣ ва инфраструктураҳои ҷамоавӣ» истифода бурда истодаем. Бо дастгирии лоиҳаҳои мазкур як қатор мактабҳои ноҳия таъмиру таҷдид шуданд.

Ба ифтихори ҷашни 20- солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ҷиҳати беҳдошти сифати таълиму тарбия тадбирҳои зиёд андешида шуд.Мактабҳои рақами 5, 19, 36 ва 38 соҳиби биноҳои нави таълимӣ гардиданд. Таълимгоҳҳои намуди нави раванди таълимиашон ба забони русӣ, яъне гимназияи рақами 1 дар шаҳраки Фархор, гимназияи рақами 2 дар деҳоти «Ғайрат», литсейи хонандагони болаёқат дар деҳаи Сафармади деҳоти «Ватан» ва боғчаи кӯдакони «Ғунчаҳои истиқлол» дар деҳоти «Комсомол» аз номгӯйи он муассисаҳои таълимию тарбиявианд, ки дар соли нави хониш ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Тавассути андешидани як зумра тадбирҳои иловагию зарурӣ, кори таълиму тарбия нисбати солҳои қаблӣ андаке рӯ ба беҳбудӣ ниҳод, ки шаҳодати равшани он ин натиҷаҳои дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ ҷойҳои ифтихориро сазовор гардидани хонандагонамон мебошад. Имсол онҳо дар маҷмӯъ 5 медали тилло, 4 медали нуқра ва 3 медали биринҷиро соҳиб гардиданд.

Имрӯз омӯзгорони ба касбу корашон содиқ, ба амсоли Абдулҳамид Маҷидов (мактаби рақами 10), Розиямоҳ Назаршоева (литсейи рақами 1), Амонулло Абдуллоев (мактаби рақами 19), Субҳон Файзов (мактаби рақами 4), Саймаҳмуд Саидов (мактаби рақами 64), Маҳмадшариф Сабзов (мактаби рақами 6), Абдулманон Самадов (мактаби рақами 29), Кенҷамурод Шарифов (мактаби рақами 16) дар кори пурмашаққати таълиму тарбия ифтихори мо, фархориёнанд.

Сарвари кишварамон мӯҳтарам Эмомалӣ РАҲМОН пайваста чунин таъкид мекунанд: «Аз ин хусус ман дар сиёсати давлатдориям маорифро дар ҷойи аввал мегузорам». Ҳақ ба ҷониби Ҷаноби Олӣ аст, ки омӯзгоронро бо ифтихори дучанд «хазинаи тиллоии мамлакат» ном мебаранд. Мо аз ин сиёсати маорифпарваронаи Президенти кишвар пайваста рӯҳу илҳом гирифта, дар ҳама ҳолат дучанд аз он пуштибонӣ мекунем ва аз дастамон ҳар кӯмаку некие, ки имрӯз ва ё фардо меояд, онро дар ҳаққи устодон ва дар маҷмӯъ ба сокинони шарифи ноҳия, дареғ нахоҳем дошт.

**-Фархорро имрӯз дар кишвар бо фарзандони барӯманди дар майдони сиёсату фарҳанг ва илму ҳунар қарордоштааш мешиносанд ва қадр мекунанд...**

- Бале, мо ифтихор мекунем, ки Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев, вазири корҳои хориҷии кишвар Ҳамрохон Зарифӣ, вазири амнияти миллӣ Саидмӯъмин Ятимов, вазири дифоъ Шералӣ Хайруллоев, вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Гулов, раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Саид, раиси шаҳри Норак Ҳамид Абдуллоев, ашхоси соҳибэҳтиром Furthermore Бобохон Маҳмадов, Сайдамир Зуҳуров, Достӣ Шарифов, Саймурод Баҳриддинов, Сайфулло Гиёев, Маҳмадалӣ Ватанов, Умархон Мадвалиев, адибу ҳунарпешаи зиндаёд Сайфи Раҳимзод, Муқаддас Набиева, рассом Сабзаалӣ Шарифов ва боз ба ҳамин монанд даҳҳо нафар сиёсатмадорону ҳунармандон, рӯзноманигорони баландпояи кишварамон зодагону бакамолрасидаҳои Фархори бостониянд. Ин фарзандони шинохтаи фархорӣ ҳамеша аз зодгоҳи хеш бо самимият ёду ифтихор мекунанд. Дар нашри охирини рӯзномаи ноҳиявии мо зери сарлавҳаи «Рози Ҷаъфар» сатрҳои пурэҳсоси зайлро мехонем: «Фархор. Эй диёри азизам. Хушбахтам, ки имрӯз маро модарвор ба оғӯши гарму нармат мегирӣ. Солҳост, ки аз ту дурам, вале ёду ҳушам ҳамеша бо туст. Ҳар лаҳзаву ҳар сония ёдат мекунаму ба ёдат нафас мегирам ва аз он ифтихор мекунам, ки аз Фархори бостониям…».

Гумон мекунам, ки ин рози санъаткори воқеан ҳам худшиносу ватандӯсти мо Ҷаъфар розу ниёзи ҳамаи он фархориён аст.

**- Чанде пеш дар як шумораи рӯзномаи «Гулистон» бо имзои Шумо ҷавоби фелетоне ба чашм расид, ки қаҳрамонони он аз вазифаҳои худ барканор ва нисбаташон чораҳои сахти маъмурию ҳуқуқӣ андешида шудааст. Шахсан барои ман чун хабарнигор ин гуна мавқеъ ва муносибат ба рӯзномаи ноҳиявӣ хеле писанд омад. Хуб мешуд, ки аз ин пас раисони дигар шаҳру навоҳӣ низ ба танқиди воқеӣ ва дастгирии мав-қеи нашрияҳояшон ҳамин гуна муносибатро салоҳ медонистанд.**

- Рӯзномаи «Гулистон» таърихи 76- сола дорад, ки имрӯз ба он рӯзноманигори собиқадори шинохта Акбар Муслимов сарварӣ мекунад. Муаллифи фелетон ҳам худи ҳамин марди соҳибтаҷриба аст. Дар фелетон сухан аз муносибати ноодилонаи бархе аз мансабдорон нисбати истифодаи замин мерафт, ки ҳангоми санҷиш ҳамаи он далелҳои рӯи саҳфа овардаи муаллиф исботи худро пайдо намуданд. Мо дар навбати худ вазифадор будем, ки хонандагони рӯзномаро аз он чораҳои нисбати қаҳрамонони фелетон андешидашуда тариқи ҷавоби расмӣ огаҳ намоем .Маҳз ҳамин муносибат ва мавқеъгириҳоямон оид ба маводҳои таҳлилию танқидии рӯзнома буд, ки сафи хонандагони он барои соли 2012 дар нисбати соли 2011 як баробар афзун гардид. Айни ҳол муштариёни рӯзнома ба 2500 нусха обуна шудаанд, ки ин рақам дар нисбати соли равон 1000 нусха зиёд мебошад.

**- Дар анҷоми сӯҳбат чӣ гуфтан мехостед?**

- Гуфтаниам, ки фархориён аз дастовардҳои имрӯзаи худ розию қаноатманданд. Ният дорем, ки ба муносибати 20- солагии Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду паҳлуи ҳайкали Исмоили Сомонӣ, ки ба муносибати 20 - солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон парда аз рӯи он бардошта будем, Парчам ва Нишони давлатиамонро бунёд намоем. Ҳоло корҳои тарҳсозӣ шурӯъ шудаанд.

***Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»***

● Клуби «Экожурналистон»

# Экспертизаи экологӣ омили муҳими пешгирии таъсири манфии экологӣ

Охирин машғулияти клуби «Экожурналистон» дар соли 2011 ба мавзӯи «Экспертизаи экологӣ: зарурият, моҳият, тартиби ташкил ва гузаронидани он» бахшида шуд. Пеш аз оғози машғулият раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Салимов дар назди аъзои клуб ва мутахассисон суханронӣ карда, ҳозиринро бо фарорасии соли нави мелодии 2012 муборакбод намуд. Вай мухтасар роҷеъ ба қонунҳои дар соли 2011 оид ба рушди соҳа қабулшуда, ҳуҷҷатҳои навбатии таҳия ва омодагардида маълумот дод ва ҳамзамон аз фаъолияти клуби «Экожурналистон» изҳори қаноатмандӣ кард.

-Мо хурсандем, ки журналистон моҳияти масоили ҳифзи муҳити зистро меомӯзанд ва дарк кардаанд. Инро аз навиштаҳояшон, ки дар саҳифаҳои матбуот ва воситаҳои электронии иттилоот дарҷ мегардад, инчунин барномаю намоишҳои радиою телевизион эҳсос мекунем. Ҳифзи муҳити зист, сарватҳои табиат вазифаи ҳар як фарди ҷомеа аст ва дар ин кор журналистон метавонанд саҳми бештар гузоранд,- таъкид намуд Т.Салимов.

Сипас, муовини сардори Экспертизаи давлатии экологӣ Ҷалил Халилов мавзӯи зикргардидаро шарҳ дод. Ба қавли эшон, экспертизаи экологӣ таври расмӣ муайянкунандаи мутобиқати фаъолияти пешбинишудаи хоҷагӣ ва дигар фаъолият ба талаботи экологӣ аст. Он бо мақсади пешгирии оқибатҳои манфиии имконпазири истифодаи объектҳои экспертизашаванда ва таъсири номусоиди онҳо ба саломатии аҳолӣ, сарватҳои табиӣ, муҳити зист, амнияти экологии ҷомеа, аз ҷумла бартарафкунии зарари онҳо ҳангоми иҷрои фаъолияти идоракунӣ, хоҷагӣ, сармоягузорӣ ва дигар фаъолият оид ба объектҳои экспертизашаванда гузаронида мешавад. Ин имкон медиҳад, ки пешгӯиҳои экологӣ дар асоси ахборот оид ба ҳолат ва тағйироти имконпазири вазъияти экологӣ дар натиҷаи ҷойгиркунӣ ва инкишоф додани қувваҳои истеҳсолкунанда, ки ба саломатии аҳолӣ, сарватҳои табиӣ, муҳити зист ва амнияти экологии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад, таъмин карда шавад. Яъне, ҳар як объекти истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, манзилҳои истиқоматие, ки дар ин ё он минтақа ё маҳал ба нақша гирифта мешавад, пеш аз оғози сохтмон он ҳатман бояд аз экспертизаи экологӣ гузаронида шавад. Соли 2011-ум 721 ҳуҷҷат ба Экспертизаи давлатии экологӣ пешниҳод ва ба 683-тои он хулоса пешниҳод карда, 38 ҳуҷҷат багардонида шуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду намуди экспертизаи экологӣ мавҷуд аст: экспертизаи давлатии экологӣ ва экспертизаи экологии ҷамъиятӣ. Экспертизаи давлатии экологӣ аз тарафи комиссияи экспертӣ, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи экспертизаи экологӣ таъсис ёфтааст, ба анҷом расонида мешавад. Инчунин мувофиқи қонунҳои амалкунанда ҷиҳати гузаронидани экспертизаи экологии фаъолияти хоҷагӣ ва дигар намудҳои фаъолият, ки иҷрои он ба манфиатҳои экологии аҳолии дар ин маҳалҳо истиқоматкунанда зарар мерасонад, Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон метавонанд ташаббус нишон диҳанд.

Ҷалил Халилов сипас оид ба ӯҳдадориҳои мақоми ваколатдори давлатӣ ва ҷамъиятии экспертизаи экологӣ, шартҳои гузаронидани экспертизаи экологӣ, ҳуқуқҳои фармоишдиҳандагон, таҳиякунандагони лоиҳаҳо ва ҳуҷҷатҳои дигар муфассал маълумот дод. Мавзӯъ, ки барои аксар журналистон нав ва ҷолиб буд, онҳо ба масъулини Экспертизаи давлатии экологӣ саволҳои сершумор доданд ва ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд.

***Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

● Тарғибгари сулҳу маърифат

# ОЛИМ, ИНСОН, ОМӮЗГОР



Умри инсон чу дарё пуртуғёну чун саманди бодпо даргузар аст. Вай он қадар тез мегузарад, ки кас аз ҳазорон мақсади доштааш ба қадри табъи дилаш танҳо як ё дутоашро иҷро мекунаду халос. Чун аз гузашти рӯз ёд мекунад ва нақшаҳои ҳанӯз иҷронашударо мебинад, дилаш чун даванди дар пойгоҳ ширкаткунандае, ки ба марра расидааст, бо суръати баланд ба тапиш медарояд. Ба назар чунин мерасад, ки дар ин лаҳза қафаси сина танг шудаасту дил чун мурғи дар қафасбуда ҳаракат сӯи озодӣ менамояд, то болу пар кушояду заминро зери болҳояш гирад.

Ин лаҳза барои ашхосе, ки дар зиндагӣ номи некро сазовор шудаанд, гуворою дилхуш аст. Онҳо аз умри гузашта бо ҳасрат ёд намекунанд, балки шукри Худо мекунанд, ки дар зиндагӣ тавонистаанд дасти нотавонеро бигиранд, бадандешеро аз роҳи бадӣ гардонанд, ба нафаре касбу ҳунар омӯзондаю доимо вассофи сулҳу ваҳдати миллӣ мебошанд.

Марди бофазл, покизаахлоқ, меҳнатқарину инсондӯст, олим, сиёсатмадор, вассофи сулҳу ваҳдат, доктори илми таърих Ваҳҳобҷон Машрабович Набиев аз ҷумлаи чунин ашхосе аст, ки аз нахустин рӯзҳои ба саҳнаи илм ворид гардиданаш холисона дар андешаи пешбурди илми таърихи тоҷик ва тарғиботчии ҳамешагии сулҳу ваҳдати миллӣ мебошад. Ин марди донишдӯст, ки аз мероси адабиёти бойи классикии тоҷику форс хуб бохабар аст, аз ин мисраъҳои Носири Хусрав дарси ибрат гирифтааст.

*Биҷӯю бинавис, он гоҳ бихону боз бипурс,*
*Пасаш биомӯз, он гоҳ бидону дар дил кор.*
*Шикори шер гавазн асту они юз оҳу,*
*Ва марди бохирадро илму ҳикмат аст шикор.*

Аз нӯги қалами ин симои барҷастаи вассофи сулҳ ва тарғиботчии маърифат беш аз 500 мақолаю рисолаи илмӣ, зиёда аз 50 кори илмию методӣ баромадаю дастури умум гардида бошад ҳам, вале ба қавли Соиб:

*Даъвои дониш бувад Соиб ба нодонӣ далер,*
*Ҳар кӣ нодон мешуморад хешро, донотар аст.*

Ӯ ҳеҷ гоҳ даъвои донишмандӣ намекунад, агарчӣ вай воқеан ҳам олимест, ки на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар тамоми Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамчун донишманди барҷаста ва тарғиботчии сулҳу ваҳдат мешиносанд. Ваҳҳобҷон Набиев ташкилотчӣ ва узви фаъоли корвони сулҳу ваҳдат аст, ки аз Кулмаи Қароқум то Ворухи Исфара дар ҳайати ду корвони сулҳ ҳаракат намуда, таҳкими сулҳу ваҳдатро тараннум намудааст.

Як хислати хуби профессор Ваҳҳобҷон Набиев -ин марди хирад, хоксорию фурӯтаниаш аст. Ӯ бо ҳама касон - хоҳ устод ва ё хоҳ шогирд, хоҳ косиб ва хоҳ ходими давлатӣ муносибати якхела дошта, тамаъҷӯиро хислати бадтарини инсонӣ медонад.

Ба онҳое, ки баҳри ғаразҳои худ нисбат ба аҳли мансаб хушомадгӯӣ мекунанд, назари нек надорад, аммо онҳоро сарзаниш ҳам намекунад, зеро хушомадгӯиро чун камбудии фарҳангӣ медонад. Барояш ҳақиқатпарастию ҳақиқатҷӯӣ хос аст. Ин хислати наҷиби Ваҳҳобҷон Набиев ҳангоми мутолиа ва муҳокимаи корҳои илмӣ ва рисолаҳои ҳамкасбону унвонҷӯйҳо ё ҳангоми қабули шаҳрвандон аснои дар вазифаҳои гуногун кор карданаш, барҷаста инъикос меёбад.

Доктори илм, профессор Ваҳҳобҷон Набиев марди ниҳоят ғамхор аст. Ӯ ба ҷавонони лаёқатманд талқин мекунад, ки шабу рӯз пайваста умрро сарфи илм созанд. Вай ба шогирдон ҳамеша ин суханони пандомӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро таъкид намуда, онҳоро барои эҷодкории нав ба нав ҳидоят менамояд:

*Бедор шав эй дил, ки ҷаҳон мегузарад,*
*В-ин мояи умр ройгон мегузарад.*
*Дар манзили тан маҳбусу гофил манишин,*
*К-аз манзили умр корвон мегузарад.*

Ин марди фарзона ва дарёдил на танҳо дар риштаи илми таърих, балки дар каломи бадеъ ва сухани босафоҳат низ хело болиғ мебошад. Ваҳҳобҷон Набиев дар сӯҳбати ёру дӯстон ҳамеша беҳтарин намунаҳои ашъори бузургони сухани форсӣ-тоҷикиро бо бадеияти баланд қироат менамояд.

Ӯ дар сӯҳбат бо дӯстону шогирдон ҳамеша ин рубоии Мавлоно Балхиро тараннум менамояд:

*Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,*
*Ҳар ҷо, ки равӣ, азизу марҳам бошӣ.*
*Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз.*
*Тоҷи наберагони одам бошӣ.*

Воқеан ҳам ин марди шариф инсонест шӯхтабъи хушсухан, порсову парҳезкор, хайрхоҳи беозор, саховатпешаву покизареша, инсондӯст ва ӯро садҳо хислатест наку. Орзу мекунем, ки ин марди наҷиб ҳамеша шоду чун офтоб пурҳарорат бошад, боз солиёни зиёд дурри маънӣ аз уқёнуси беканори илм ба ҷомеа пешкаш намояд.

***Раҷаб РАҶАБОВ, Бойалӣ ҲУСЕЙНОВ, Рустам ИСОЕВ, Алиқул УТАГАНОВ***

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Озмуни №2-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ 27 январи соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Мавқеи ҷойгиршавии объекти иҷора | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Ҳакимзода 19 | Объекти иҷора аз ҳисоби саройи хоҷагии нақлиёти корхона, масоҳаташ 49м² | истеҳсолӣ | 4200 |
| 2 | Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Восеъ 123 | 2 утоқи корӣ, масоҳаташ 45м², аз ҳисоби бинои маъмурӣ | хӯроки умумӣ | 1800 |
| 3 | Филиали ҶСК «Тоҷиктелеком» | ш.Хуҷанд, к.Танбӯрӣ 9 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 30м², аз ҳисоби бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 3600 |
| 4 | Филиали ҶСК «Тоҷиктелеком» | ш.Хуҷанд, к.Танбӯрӣ 9 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 30 м², аз ҳисоби бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 3600 |
| 5 | Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе | ш.Душанбе, к.Айнӣ 126 | 1 утоқ, масоҳаташ 150м², аз ҳисоби ошёнаи 2-юми бино | варзишӣ | 3600 |
| 6 | Беморхонаи КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.Назаршоев 43 | Объекти иҷора аз ҳисоби даромадгоҳи бинои беморхона, масоҳаташ 5,02м² | савдо | 1200 |
| 7 | Маркази ҷумҳуриявии клиникии «Урология» | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ 59 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 16 м², аз ҳисоби ошёнаи 1-уми бино | маъмурӣ | 1800 |
| 8 | Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ | ш.Душанбе, к.Айнӣ 41 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 6,25 м², аз ҳисоби бинои ошхона | савдо | 420 |
| 9 | ҶСК «Шабакаҳои барқии ш.Душанбе» | ш.Душанбе, к.Деҳлавӣ 4 | Объекти иҷора аз ҳисоби ҳудуди корхона, масоҳаташ 16 м² | савдо | 1800 |
| 10 | Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи «Матбуот» | ш.Душанбе, к.Рӯдакӣ 37 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 48 м², аз ҳисоби ошёнаи 1-уми бино | савдо | 3600 |
| 11 | Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи «Матбуот» | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 37 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 50 м², аз ҳисоби ошёнаи 1-уми бино | савдо | 3800 |
| 12 | КВД КТН «Шарқи Озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 2 утоқи корӣ, масоҳаташ 34,8 м², аз ҳисоби ошёнаи 14-уми бино | маъмурӣ | 4560 |
| 13 | КВД КТН «Шарқи Озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 23 м², аз ҳисоби ошёнаи 14-уми бино | маъмурӣ | 3000 |
| 14 | КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш.Турсунзода | Объектҳои иҷора аз ҳисоби анборхонаҳои №2 ва №3, анборхонаҳои яхдондори №2, 3, 5 ва анбори сабзавоти базаи ШТК- корхона | истеҳсолӣ | 165000 |
| 15 | Маркази миллии тиббӣ | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ 59 | Объекти иҷора аз ҳисоби ҳудуди бинои №2, масоҳаташ 24 м² | савдо | 3000 |
| 16 | Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода | ш.Душанбе, х.Борбад 73 | 2 утоқ, масоҳаташ 63 м², аз ҳисоби ошёнаи 1-уми бинои хобгоҳ | савдо | 3000 |
| 17 | Почтамти шаҳри Душанбе | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 57 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 12,8 м², аз ҳисоби ошёнаи 2-юми бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 2400 |
| 18 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 17 | Объектҳои иҷора аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ барои гузоштани 4 адад таҷҳизоти маблағгузаронӣ, масоҳаташ 2 м² | техникӣ | 2400 |
| 19 | Ҷамъияти саҳомии навъи кушодаи «Маркази истеҳсоли барқу гармидиҳии ш.Душанбе» | ш.Душанбе, к.А.Қаҳҳоров 39 | Объектҳои иҷора аз ҳисоби эстакадаи борфарорӣ – масоҳаташ 115м² ва ҳудуди корхона –масоҳаташ 1164, 10м² | истеҳсолӣ | 24000 |
| 20 | Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Нахимов 64/1 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 8м², аз ҳисоби даромадгоҳ | савдо | 420 |
| 21 | Маркази техникии телевизион ва радиои ҷумҳуриявӣ | ш.Душанбе, к.М.Гвардия 6 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 42,12м², аз ҳисоби бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 2400 |
| 22 | КВД КТН «Шарқи Озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 2 утоқи корӣ, масоҳаташ 23,6м², аз ҳисоби ошёнаи 8-уми бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 5400 |
| 23 | КВД КТН «Шарқи Озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 2 утоқи корӣ, масоҳаташ 21,8м², аз ҳисоби ошёнаи 2-юми бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 4800 |
| 24 | Боғчаи №29-и ҶСК «Бодом» | ш.Конибодом, к.Гагарин | Бино аз иншооти боғча | таълимӣ | 6000 |
| 25 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев 63/3 | 3 утоқи ёрирасон, масоҳаташ 151,83м², аз ҳисоби бинои ошхона | хӯроки умумӣ | 6000 |
| 26 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» | ш.Хуҷанд, к.Фурудгоҳ 15 | 12 утоқи корӣ, масоҳаташ 273, 5м², аз ҳисоби ошёнаи 2-юми бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 48000 |
| 27 | Муассисаи давлатии Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологияи Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.М.Турсунзода 31 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 14м², аз ҳисоби ошёнаи 1-уми бинои бахши гинекологӣ | савдо | 3300 |
| 28 | Муассисаи давлатии Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологияи Тоҷикистон | ш.Душанбе, к. М.Турсунзода 31 | Объекти иҷора бо масоҳати 31м², аз ҳисоби ҳудуди муассиса | савдо | 5630 |
| 29 | Корхонаи илмию истеҳсолии «Маводҳои биологӣ» | ш.Душанбе, к. Гипрозем 61 | Масоҳати 4 м² аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 700 |
| 30 | Театри давлатии «Лӯхтак» | ш.Душанбе, к. Шоҳтемур 54/1 | Масоҳати 4 м² аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 700 |
| 31 | КВД КТН «Шарқи Озод» | ш.Душанбе, х. С.Шерозӣ 16 | масоҳати 4 м² аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 700 |
| 32 | Муассисаи давлатии «Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А.Ҷӯраев» | ш.Душанбе, к.Сино 43 | Масоҳати 4 м² аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 700 |
| 33 | Маркази миллии ташхис | ш.Душанбе, к.Деҳотӣ 48 | Масоҳати 4 м² аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 700 |
| 34 | Бинои дегхонаи Литсейи касбии политехникии шаҳри Панҷакент | ш.Панҷакент, к. К.Маркс 126 | Объекти иҷора бо масоҳати 37,5 м², аз ҳисоби бинои дегхона | маъмурӣ | 600 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони манзкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии озмун- **ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 44.**

Тел: **221-73-74,221-33-66.**

Озмун **соати 11⁰⁰** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як объект баробар аст.

Пардохти кафолатнок тариқи накдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринакдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар холати ғолиб баромадан иҷорагир ба ҳисоби Корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби Корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши объекти иҷора дохил намешаванд. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани озмун бо нишонии зерин: ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 44, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ЭЪЛОН

Иҷрочиёни Суди шаҳри Ваҳдат ба таваҷҷуҳи шаҳрвандон мерасонанд, ки манзили истиқоматии воқеъ дар ш.Ваҳдат, кӯчаи Туғдона, хонаи 17/1, утоқи №11 ба тариқи музоядаи оммавӣ (аукcион) бори дуввум бо маблаӣи 135893 (яксаду сиву панҷ ҳазору ҳаштсаду наваду се) сомонӣ ба фурӯш баровардa мешавад.

Музояда 9 феврали соли 2012, соати 10⁰⁰ дар ҷойи ҷойгиршавии манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ш.Ваҳдат, кӯчаи Туғдона, хонаи 17/1, утоқи №11 гузаронида мешавад.

Хоҳишмандон метавонанд барои маълумот ба Суди ш.Ваҳдат, кӯчаи Сомониён 10, утоқи №8, тел: 93-547-12-87; (83136) 2-39-49 ё ба филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 16, тел: **233-88-21; 95-163-32-44; 91-902-66-22** муроҷиат намоянд.




# БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шаҳрванд Баротов Акмалҷон Исматович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0000577 бо РЯМ 0930000244 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 20 июли соли 2002 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Икромов Файзалӣ, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0105907 бо РЯМ 0930038166 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 17 сентябри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Ташкилоти ғайридавлатии (ТҒД) «Навбунёд», воқеъ дар Ҷамоати деҳоти «Ҳисор»-и ноҳияи Ҳисор, ки дорои Шаҳодатномаи сабти иттиҳодияҳои ҷамъиятии №1524 бо РЯМ 090006818 мебошад ва онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 марти соли 2005 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Арасту – 2010», воқеъ дар шаҳри Душанбе, ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва таъсисёбии 0123987 бо РЯМ 0410012066 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 17 августи соли 2010 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Қаюмов Ҳусайн Қодирович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0001769 бо РЯМ 0430000175 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 7 июли соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Тоджикмельстройсервис», воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №001-2758 бо РЯМ 0510002534 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Ваҳдат 29 июни соли 2010 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Теплостирол», воқеъ дар шаҳри Душанбе, ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №020019513 бо РЯМ 0210003081 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 23 ноябри соли 2009 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Алиев Сайфулло Содиқович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0145438 бо РЯМ 0930043107 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 29 декабри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонӣ ва билети донишҷӯии силсилаи Т №110/07-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ соли 2007 ба Набиев Азамат Фарҳодович додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи силсилаи ЖТ № 06557-и гумшуда, ки онро Техникуми кооперативии шаҳри Душанбе соли 1984 бо қайди №6468 ба Саидов Карим Абдуҳомидович додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи силсилаи ШВ № 683529-и гумшуда, ки онро Донишкадаи тиҷоратии давлатию кооперативии Тоҷикистон (собиқ Донишкадаи савдои советии кооперативии шаҳри Новосибирск) ҳоло Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо қайди 566 соли 1993 ба Кабиров Шералишо Олимович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи ҳарбии шахсии №005671-и гумшуда, ки онро Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009 ба Саидмамадов Саидмамад Кироматалишоевич додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи Я-1 № 276377-и гумшуда, ки онро Техникуми молиявӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе соли 1981 ба Муҳиддинов Зафар Нарзуллоевич додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №742438-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2007 ба Мизробов Шаҳбоз додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи Б-1 №57-6878-и гумшуда, ки онро Институти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 1979 ба Абдуллоева Сабоҳат додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии № 127/10-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ соли 2010 ба Нуров Ибодулло Маҳмадуллоевич додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №033-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ соли 2008 ба Назарзода Сайёди Исроил додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №СТ 590-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2009 ба Алямова Манижа Исмоиловна додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии № СТ 480-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2009 ба Акобиров Амирҳамза додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи силсилаи ДОА №0004083 таҳти қайди №119-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2009 ба Аҳмедҷонов Ильёсҷон Ғаффорович додааст, эътибор надорад.

***

Расидҳои (квитансияҳои ) №№ 096451, 096452, 096453, 096454, 096455, 096456, 096457, 096458, 096459, 096460-и гумшуда, ки онро КВД «Обу корези шаҳри Душанбе» моҳи ноябри соли 2011ба Алиев Рустам Саидмуродович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи ронандагии №006029-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи касбии техникии №49-и ноҳияи Рӯдакӣ 9 июли соли 1979 ба Пирматов Гулмурод Ҷумъаевич додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонӣ ва билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ соли 2005 ба Алиев Тоҷиддин Сафарович додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли силсилаи АТ №175076-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №21-и шаҳри Турсунзода соли 1989 ба Шукуров Абдимурод Чориевич додааст, эътибор надорад.

Кормандони Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати вафоти нобаҳангоми муовини раиси Кумита

**ДАВЛАТОВ ХУРСАНД АБДУЛЛОЕВИЧ**

андӯҳгин буда, ба наздикон ва хешовандони марҳум изҳори ҳамдардӣ мекунанд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Рашт - 98-537-88-60, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 6 январи соли 2012, соати 20.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 25228 нусха

Навбатдори шумора М. Рустамзода

Тарроҳи компютерӣ Нигина Исмоилова